# Терори устод Раббонӣ ва зарурати хамгаройии точикон

Муаллиф: Аъзам Хучаста
29.09.2011 08:09



Террори устод Раббонӣ хамзамон бо ин ки калбхои миллионхо инсони бедордил ва адолатхох, ба вижа миллати точикро дар саросари чахон гарк дар мотам кард, раванди сулхи Афгонистонро ба хатари чиддӣ мувочех намуд. Толибон бо ин икдоми дадманишонаи худ, ки дакикан такрори сенариёи террори Ахмадшох Масъуд буд, нишон дод, ки харгиз наомадааст сухан аз сулху вахдат бигуяд, балкӣ гурухест ба дур аз хама фархангу тамаддун ва ойину мазхаб ва омадааст: аввалан Исломро бадном кунад; сониян нооромӣ ва нифокро, ки хостаи хочагони гарбиаш хаст, дар Афгонистон ва минтака доман бизанад.Хамон гуна ки аз шеваи хуручи нерухои гарбӣ аз минтака ва дига р кишвархои тахти тасарруфашон бармеояд, доман задан ба хушунатхои кавмӣ аслитарин шигардест, ки дар мустамликадории навин хамеша мавриди истифода будааст.Имруз хамон англо-саксхое, ки то миёнахои карни 20 кишвархоро ишгол ва миллатхоро катлиом ва горат мекарданд, акнун ин корро ба усулхои мудерн, аз тарики созмону ниходхои дастнишондаи худ ва бо бахонахои «мубориза бо

терориzн», «таъмини демократия», «химоят аз хукуки башар» ва амсоли ин анчом медиханд.Як бор аз худ савол накардаед,:»Оё барои англис хеле мухим аст, ки миллиардхо доллар харч кунад ва аз он тарафи обхо биёяд то амнияти афгонхоро ё ирокихоро таъмин кунад?»Оё акли солим ба хамчунин коре бовар мекунад?Дар тули

таърих ҳамеша англо-саксонҳо ба дунболи сарват ва боигарии дигар миллатҳо будаанд.Дар Африко, Осиё ва Амрикои Лотин, ҳар куҷо ки нишоне аз тилло буда, англо-саксонҳо онҷо пайдо шуданд ва шуруъ ба ғорат кардаанд.Ҳамин ҳирси тилло ва сарват онҳоро ба Амрикои шимолӣ бурд ва бо қатлиоми мардуми бумӣ, ки онҳоро «сурхпустон» мегуфтанд, давлате бо номи Иёлоти муттаҳидаи Амрико ташкил карданд ва имрӯз ин ду бародар – Амрико ва Инглис ба иттифоқи сионизми ҷаҳонӣ дар дунё ҳукумат ва кишварҳоро истисмор мекунанд.Террори устод Раббонӣ нишон дод, ки ишғолгарони Афғонистон ҳаргиз ба фикри сулҳу оромиш дар ин кишвар нестанд, зеро ба хубӣ медонанд, ки агар суботу оромиш дар минтақа барқарор шавад, дигар ниёзе ба ҳузури ин ишғолгарон намемонад.Аз ин рӯ бузургтарин чеҳраи сулҳофари Афғонистон – устод Раббониро ба шаҳодат расонданд, то бо доман задан ба низоъҳои қавмӣ, дар оби гилолуд моҳӣ сайд кунанд.

Имрӯз онҳое ки мегӯянд «марги Раббонӣ таъсире дар раванди сулҳи Афғонистон наҳоҳад дошт», сахт иштибоҳ мекунанд, зеро дар асл устод Раббонӣ буд, ки ин равандро ҷон дамид ва шахсияти ӯ сутунмуҳраи чараёни сулҳи Афғонистон буд.Акнун ҷои шаке нест, ки дубора сари мизи музокира овардани ҷиноҳҳои Афғонистон бо намояндагони толибон, коре сахт ва душвор хоҳад буд.Дар ҳақиқат раванди сулҳи Афғонистон, ки шабеҳи кучаи ҳаракати яктарафа буд, дар замони раёсати устод Раббонӣ дар Шӯрои миллии сулҳи Афғонистон, ба хиёбони сертараддуд барои ташхиси масирҳо табдил шуд.Инак терори устод Раббонӣ собит кард, ки на толибон ва на Ғарб, ки ҳарду дар асл як неру маҳсуб мешаванд, ҳеҷ гоҳ ба дунболи сулҳ дар Афғонистон набуданд ва нестанд.Ғарб бо харҷи миллиардҳо доллар ба он хотир ба Афғонистон лашкар кашид, ки рақибони аслии худ дар арсаи ҷаҳон – Чин, Русия, Эронро аз наздик таҳти назорат дошта бошад ва заминаи заъиф кардани ин қудратҳои дар ҳоли зуҳурро муҳайё кунад.Аз ин рӯ идомаи ҷангу хунрезӣ дар минтақа беҳтарин фурсат барои ин ҳузур ва амалӣ кардани ин ҳадаф аст.Ҳамон гуна ки Ҷонон Мусозай, намояндаи вазорати хориҷаи Афғонистон дар суҳбат бо хабарнигорон таъкид кард, «ин нахустин ва охирин куштори мақомоти олирутба нест» ва ғарбиҳо аз тариқи дастнишондаҳои худ силсилаи терорҳоро идома хоҳанд дод, то адовати душманӣ миёни қавму миллатҳои муқими Афғонистон амиқтар шавад. Ин ҳодисаи асафбори таърихи муосири Афғонистон, об ба осиёби онҳое мерезад, ки мухолифи сарсахти раванди сулҳ ҳастанд.

Бисёриҳо бар ин бováранд, ки марги устод Раббонӣ ба дигар раванди дохилии Афғонистон – иттиҳоду инсиҷоми тоҷикони муқими ин сарзамин, ки беш аз 8 миллион нафарро ташкил медиҳанд, низ таъсири манфӣ хоҳад расонд.Ин дидгоҳ то ҳадди зиёде ҷон дорад, зеро устод Раббонӣ буд, ки ихтилофоти мавҷуд миёни раҳбарони тоҷикро дар Афғонистон ҳамеша саркуб кард ва тавонист нақши раҳбариро бо афзал шумурдани манфиатҳои миллӣ, иҷро кунад.Ҳамчунин Эътилофи шимол бидуни устод Раббонӣ ба як сохтори бе рӯҳ табдил хоҳад шуд.Бисёриҳо дар Афғонистон бар ин боваранд, ки терори устоди Раббонӣ, идомаи силсила терорҳоест, ки дар ростои аз миён бардоштани пешвоёни миллати тоҷик дар ин кишвар анҷом мегирад.Ин дидгоҳро дар хориҷ аз

Афгонистон низ тасдик мекунанд ва ин хакикат аст! Бисёрихо дар минтака хамбастагию хамгаройи миёни Точикистон, Афгонистон ва Эронро бар хилофи манфиъатхои худ мебинанд, аз ин ру бо хар рохи мумкин талош мекунанд, пеши рохи ин хамгаройиро бигиранд.

Дар бораи фармоишгарон ва ичрокунадагони терори Устод Раббонӣ дидгоххо ва тахмину гумонхо зиёданд, аммо ин нукта гайрикобили инкор аст, ки хар кӣ хастанд ва хар кучо хастанд нахуст душманони иттиходи мардуми Афгонистон хастанд, дуввуми бадхохони миллати точик мебошанд, ки давлати точикон ва вучуди ин миллатро устухоне дар гулуи худ таъбир мекунанд.

Бо кушта шудани Устод Раббонӣ, акнун мавчи нооромихо ба каламрави точикон харакат хохад кард ва аз эхтимол дур нест, ки Точикистон ба сахнаи нооромихо табдил шавад.Акнун барои Гарб бехтарин фурсат фарохам шудааст, то пойи касифи худро аз сарзамини Афгонистон берун кашад ва назорагари хамдигракушӣ дар ин кишвар бошад, зеро донаи кинаву нифок пошида шуд ва ташдиди низоъи кавмӣ амре ногузир дар ин марзу бум хохд буд.

Дар ин чо дигар мавзуе ки чалби таваччух мекунад, вучуди ихтилофи назар дар миёни шахсиятхои точик дар Афгонистон аст.Дар ин фароянд масъулияти бисёр мухиме ба души Точикстон – Ватани миллати точик аст.Дар солхои чанги тахмилии шахрвандӣ дар Точикистон рахбарони точики Афгонистон, ба хусус шахид Ахмадшохи Масъуд ва шахид устод Раббонӣ талоши зиёде барои халли ихтилофи мавчуд дар миёни тарафхои ба хам ракиби Точикистон ба харч доданд.Имруз фурсате пеш омадааст, ки Точикистон вориди амал шавад ва тамоми талоши худро барои иттиходу инсичом миёни точикони Афгонистон ба кор гирад. Чунин кореро ояндаи давлат ва миллати точик такозо мекунад, зеро аз ин тарик хамгаройи миёни миллати точик беш аз пеш густариш меёбад ва аз дигар су пеши рохи нуфузи гуруххои ифротӣ аз хорич ба Точикистон гирифта хохад шуд.Акнун фурсати он аст, ки Анчумани байналмилаллии точикон аз як ниходи ташрифотӣ ба як созмони фаъоли байналмилалӣ табдил шавад ва дар им амр бояд Точикистон ибтикори амал, яъне ташаббусро дар даст дошта бошад.

***Аз Точикам: Муаллиф дар макола шумораи точикони Афгонистонро беш аз 8 миллион зикр кардааст. Вале, харчанд дар кишвар омори расмӣ гузаронида нашудааст, аммо бар пояи омори гайрирасмӣ шумораи точикон анкариб 40 дарсади ахолии кишварро ташкил медихад, ки ин баробари бештар аз 12 миллион нафар аст.***